**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ВА РУШДИ КАСБИЯТИ РАЁСАТИ ТАЪЛИМ**

**ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯ ВА ҚАРЗ**

**КАФЕДРАИ «ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ»**

# Д А С Т У Р И   М Е Т О Д Ӣ

доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломӣ (барои донишҷӯёни ихтисосҳои 1–25010402 – кори бонкӣ, 1–25010202 – иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ)

**ДУШАНБЕ-2022**

ББК 65.9 (2) 301
УДК: 37.091.214.(073)

Бо қарори Шӯрои илмӣ - методии Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон суратмаҷлиси № 7/4.25 аз 23 феврали соли 2022 ба чоп тавсия карда шудааст.

**Муқарризон:** Мудири кафедраи фаедраи фаъолияти бонкии ДБССХ, **номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Исмоилов А.,**
Мудири кафедраи молияи ДДМИТ
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Давлатов Х.М.**

**Махшулов С.Ҷ., Хоҷаев Б.Б., Аъзамова Т.Т.**
Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешадипломӣ//Дар зери таҳрири умумии дотсент Махшулов С.Ҷ. - Душанбе: ДДМИТ, 2022. - 37 саҳ.

Дастури методии ёрирасон доир ба гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолии донишҷӯён, Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон, соли 2022.

Дастури методӣ доир ба гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолии донишҷӯён мувофиқи нақшаи таълимии ихтисосҳои кори бонкӣ, иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ таҳия шудааст. Дастури методии мазкур ба донишҷӯён имконияти васеи роҳҳои татбиқи самараноки корро дар раванди истеҳсол ва фаъолияти ташкилотҳои карзӣ, методологияи кор бо технологияҳои муосир, усулҳои истифода ва татбиқи роҳҳои инноватсионӣ дар фаъолияти бонк, тартиби кор ва коргузорӣ дар хазина ва муҳосибот, идоракунӣ ва санъати роҳбарӣ, бозоромӯзӣ ва як зумра масъалаҳои амалии марбут ба таҷрибаомӯзиро фароҳам меоварад. Ғайр аз ин, донишҷӯён имконияти усулҳои ҷамъбасткунӣ, пешниҳоди иттилоот ва таҳлили ҳодисаҳои тадқиқшавандаро аз худ намуда, сатҳи омодагӣ ва касбии худро баланд мебардоранд.

Мундарича

Сарсухан ………………………………………………………..……………………… 4
1. Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ……………………………………………………………….9
2. Ташкил ва роҳбарии таҷрибаомӯзӣ …………………….………… 11
3. Ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ…………..……………13
4. Барномаи таҷрибаомӯзӣ…………………………………..………… 15
4.1. Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш……18
4.2. Ҳадафҳои асосии гузаронидани таҷрибаомӯзӣ……….…………38
5. Барасмиятдарорӣ ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ……………45

## Аввалсухан

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва густариши муносибатҳои бозорӣ ба куллӣ мақом ва нақши муносибатҳои бонкро дар таъмини пайдарпайии раванди такрористеҳсол, таваккалҳои бозори байнибонкӣ ва ҳолати рақобатпазирии ҷойдоштаро дар соҳаҳои иқтисодиёт ба миён овард. Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун шакли соҳибкорӣ, таъминкунандаи бехатарии иқтисодӣ ва нигоҳдошти маблағҳои пулии мизоҷон дар шакли амонату пасандоз арзёбӣ гардида, он аз таъмини волоияти коргузорӣ ва мутахассисони кордон вобастагии зиёд дорад. Ин ҷараён аз татбиқи раванди омӯзишӣ аз зинаҳои поёнӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ ва гузоштани замина барои оянда вобаста мебошад.

.

Тибқи фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 октябри соли 2010 № 2453 дар ташкилоту муассисаҳо гузаронидани таҷрибаомӯзӣ пешниҳод шудааст.

Масъалаи муҳимми ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолии донишҷӯён ва таъмини онҳо бо «Дастури методии ёрирасон оид ба таҷрибаомӯзии донишҷӯён» барои ихтисосҳои кори бонкӣ 1-25010402 ва иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ 1-25010202 ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, барои роҳнамоии донишҷӯён дар рафти таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ ин мавод аз тарафи устодони кафедра - муаллими калон Махшулов Саидхуҷа ва ассистентон: Хоҷаев Бахтиёр ва Латипова Гуландом омода карда шудааст.

Дар дастури методии мазкур ба таври муфассал роҷеъ ба ташкил ва тартиби гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, мақсад, вазифа ва мазмуни таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, инчунин ба расмиятдарории маводҳои ҳисобот маълумот дода мешавад. Истифодаи дастури методӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯёни ихтисосҳои фаъолияти бонкӣ ва иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ нақшаҳои фардии худро мувофиқи барномаи таҷрибаомӯзӣ иҷро карда, ҳисоботро доир ба таҷрибаомӯзии гузаронидашуда дар муҳлати муқарраршуда омода ва ҳимоя намоянд.

Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ (минбаъд-дастури методӣ) қисми таркибии раванди таълимӣ - тарбиявӣ буда, яке аз дастурҳои муҳимтарин дар раванди тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва бехатарии иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Дастури методӣ дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ таҳия гардида,

тартиби ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ), истеҳсолӣ ва пешаздипломиро ба танзим медарорад.

Инчунин, асоси ҳуқуқӣ барои ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ихтисосҳои 1-25010202-кори бонкӣ ва 1-25010202-иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ, ки бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тасдиқ мегардад, маҳсуб меёбад.

Таҷрибаомӯзии донишҷӯён мутобиқи нақшаи таълимии амалкунанда, барномаи таҷрибаомӯзӣ ва супоришҳои инфиродӣ ташкил карда мешавад.

Дастури методӣ бо назардошти талаботе таҳия карда шудааст, ки нисбат ба омодасозии мутахассисони ихтисосҳои дар боло зикргардида пешниҳод мегарданд ва аз фаслҳои зерин иборат аст:

- мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомузӣ;
- тартиби гузаштани таҷрибаомӯзӣ;
- роҳбарии таҷрибаомӯзӣ;
- мундариҷа ва муҳлатҳои иҷрои супоришҳои инфиродӣ;
- талабот нисбат ба ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ, тартиби таҳия ва муҳлати дифоъ намудани он.

Дастури методӣ барои донишҷӯёни курсҳои 2-юм, 3-юм ва 4-уми ихтисосҳои ихтисосҳои 1-25010202-кори бонкӣ ва 1-25010202-иғтисодиёти молиявии ва бонкӣ таҳсили рӯзона ва фосилавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст ва аз ҷониби комиссияи таълимию методии Шӯрои илмӣ – методии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Таҷрибаомӯзӣ дар давраи таҳсил бо мақсади амиқтар омӯхтани фанҳои ҷудогонаи махсус ва тахассусӣ дар воҳидҳои сохтории Хадамоти гумрук ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ (логистикӣ) (минбаъд – объекти таҷрибаомӯзӣ) оид ба самтҳои фаъолияти гумрукӣ ташкил карда мешавад.

Таҷрибаомӯзӣ ҷузъи ҳатмии нақшаи таълимӣ буда, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати ташкили он масъул мебошанд. Таҷрибаомӯзӣ чунин бояд ташкил карда шавад, ки донишҷӯ имконияти истифодаи малакаи гирифтаашро ҳангоми навиштани рисолаи хатм дошта бошад. Агар донишҷӯ таҳсилро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо кор дар яке аз соҳаҳои хоҷагии халқ якҷоя пеш барад, пас муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ дорад гузаштани таҷрибаро дар ҷои кори донишҷӯ иҷозат диҳад, ба шарте ки хислати кори аз тарафи донишҷӯ иҷрокардашаванда ба соҳаи тахассусе, ки аз рӯи он вай дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунад, мувофиқ бошад.

Гузаштани таҷрибаомӯзӣ барои донишҷӯён бояд мувофиқи нақшаи таълимӣ ва барномаи таҷрибаомӯзии аз тарафи донишгоҳ тасдиққардашуда сурат гирад ва бо пешниҳод намудани ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзию ҳимояи он анҷом пазирад.

Мутобиқи Низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори мушоварраи Вазорати маориф ва илм аз 28.08.2014 таҳти №18/10 тасдиқ шудааст, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҷрибаомӯзӣ дар шаклҳои асосии ба тариқи зайл муқарраркардашуда ташкил ва гузаронида мешаванд:

-таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ);

-таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ;

-таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ.

**Таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ)** корҳои таълимиеро дар бар гирифтааст, ки ҳангоми ташкил ва гузаронидани онҳо донишҷӯён маълумоти аввалинро дар бораи хусусиятҳои фаъолияти касбии самт (ихтисос)-и интихобкардаи худ ба даст меоранд. Ин шакли таҷрибаомӯзӣ дар курси 2-юм аз 29 июни соли 2022 то 12 июли соли 2022 гузаронида мешавад.

Вазифаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ) дар муайян намудани асосҳои фаъолияти касби оянда ва баланд бардоштани маҳорат ва малакаи аввалини тахассусии донишҷӯ ифода мегардад. Он аз намудҳои таҷрибаомӯзии экскурсонӣ, шиносоӣ, таҳлилӣ иборат буда, аз рӯи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шуда, дар воҳидҳои сохтории Хадамоти гумрук, дар назди кафедраҳои тахассусӣ  гузаронида мешавад.

Манбаи ташаккул додани малакаҳои касбӣ ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонад аз бар намудани барномаҳои гуногун ва иҷрои шаклҳои гуногуни корҳои амалӣ, аз қабили системаи тренингӣ, бозиҳои расмии касбӣ, озмоишӣ ва барномаҳои компютерӣ («Делта», «1С Муҳосибот», «Вест 4», «Омор» ва “Ҳукумати электронӣ”) ба шумор равад.

**Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ** аз рӯи самт (ихтисос) бо мақсади мустаҳкам намудани донишҳои назариявии донишҷӯён, аз рӯи фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ, ҷамъоварии маводи таълимӣ барои навиштани корҳои курсӣ гузаронида мешавад. Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар воҳидҳои сохтории низоми бонкӣ ё муассисаи таълимӣ ва озмоишгоҳҳои соҳавӣ гузаронида мешавад.  Ин шакли таҷрибаомӯзӣ дар курси 3-юм аз 19 июни соли 2022 то 12 июли соли 2022 гузаронида мешавад.

Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ метавонад дар назди кафедраҳои тахассусӣ ва ё муассисаҳои ба он марбут гузаронида шаванд. Гурӯҳи таълимӣ ба зергурӯҳҳо ҷудо карда шуда, мақсади он муайян карда мешавад. Бо қарори Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронидани ин шакли таҷрибаомӯзӣ дар муддати ҳафтаҳои таълими назариявӣ иҷозат дода мешавад. Дар чунин мавридҳо муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ барои нигоҳ доштани давомнокии он мувофиқи нақшаҳои таълимӣ муайян карда мешавад.

**Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ** дар курси 4-ум гузаронида мешавад. Давомнокии он барои донишҷӯёни курси 4-уми шуъбаи

рӯзона ва курси 3 аз 13 апрели соли 2022 то 24 майи соли 2022, барои донишҷӯёни курси 4-уми таҳсилоти фосилавӣ аз 14 апрели соли 2022 то 10 майи соли 2022 муайян карда шудааст. Вазифаи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ аз рӯи талаботи барномаи таълимии самт (ихтисос)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси пурра азхудкунӣ ва такмил додани дониш, азбар намудани роҳу усулҳои ҷамъоварӣ намудани натиҷаҳо ва далелҳо оид ба мавзӯи кори хатмкунии бакалавр (кори дипломии мутахассис) ва ба даст овардани салоҳиятҳои касбӣ аз ҷониби днишҷӯён муайян карда мешавад. Донишҷӯёне, ки дар асоси барномаи мақсаднок ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи самт (ихтисос) қабул шуда, таълим гирифта истодаанд, таҷрибаомӯзиҳои худро дар муассиса ва ташкилотҳое мегузаронанд, ки агар муссисаи таълимӣ бо онҳо шартномаи тарафайн ба имзо расонида бошад. Иваз кардани ҷои таҷрибаомӯзӣ танҳо бо розигии расмии ҳамин гуна муассиса ё ташкилот ба роҳ монда мешавад.

Донишҷӯён дар давраи гузаштан аз таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ метавонанд аз рӯи самт (ихтисос)-е, ки таҳсил намуда истодаанд, дар муассисаҳои истеҳсолӣ, таълимӣ ба ҷойҳои холӣ ба кор қабул шаванд. Ба муассисае, ки дар он таҷрибаомӯзии пешаздипломии худро мегузаранд, бояд бо мавзуи тасдиқкардашудаи рисолаи хатм (ё рисолаи дипломӣ) сафарбар карда шаванд.

## 1. Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ

Мақсади ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ аз ташаккул додани маҳорати касбии донишҷӯён дар асоси омӯзиши таҷрибаи фаъолияти муассиса, мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ ва амалии дар давоми таҳсил гирифтаи донишҷӯ, инчунин, ҷамъоварӣ ва коркарди мавод барои ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ва навиштани рисолаи хатм ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои муҳимтарини таҷрибаомӯзӣ ба даст овардани қобилияти касбии ихтисосҳои 1-25010202-кори бонкӣ ва 1-25010202-игтисодиёти молиявии ва бонкӣ ва таҷрибаи амалии фаъолият ба ҳайси коромӯз дар воҳидҳои сохтории низоми бонкӣ (минбаъд – объекти таҷрибаомӯзӣ) мебошанд, ки бо роҳҳои зерин амалӣ мешавад:

- омӯзиши вазифаҳо ва сохтори объекти таҷрибаомӯзӣ;
- омӯзиши принсипи ташкили кор дар объекти таҷрибаомӯзӣ;
- дида баромадани вазифаҳои объекти таҷрибаомӯзӣ, аз ҷумла дар самтҳои илмию таҳқиқотӣ, банақшагирии стратегӣ, таҳлилӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ;
- омӯзиши ҳуҷҷатгузорӣ;
- таҳлили муқоисавии сохторҳо ва зерсохторҳо аз нуктаи назари вазифа ва ухдадориҳо;
- иштирок дар гузаронидани амалиётҳои соҳавӣ, чорабиниҳо, семинарҳо, ҳуҷҷатгузорӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки ба объекти таҷрибаомӯзӣ дахл доранд;

- омӯзиши тарзи истифодаи малакаи назариявӣ дар таҷриба (алоқаи назария бо амалия).

Ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маводи зарурӣ дар объекти таҷрибаомӯзӣ бо роҳҳои зерин ба даст оварда мешавад:

- омӯзиши ҳуҷҷатҳои асосии воҳидҳои сохтории дахлдор;
- дида баромадан ва шинос шудан бо асосҳои қонунгузорӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, дастурамалҳо ва низомномаҳо, ки ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ ва соҳа алоқамананд ё асоси фаъолият мебошанд;
- дида баромадани ҳисоботи даврагӣ (семоҳа, нимсола, солона) оид ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ;
- ҷамъоварӣ намудани маводи оморӣ оид ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ ва соҳа;
- шинос шудан бо тарзу усули коркард ва истифодаи таҷрибавии маълумотҳои оморӣ;
- омӯзиш ва ҷамъоварии мавод барои навиштани рисолаи хатм (дар ҳолати ҷойи таҷрибаомӯзӣ ба мавзуъ мувофиқ омадан бо супориши роҳбари рисолаи хатм);
- гирифтани ҳуҷҷатҳои намунавӣ, нусхаи ҳуҷҷатҳо ва ё ҳисобот (дар ҳолати махфӣ набудан) барои таҳлил ва навиштани ҳисобот ё рисолаи хатм.
- ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳое, ки барои иҷрои супориши инфиродӣ заруранд;
- омодасозии мавод барои маърӯзаву иттилоъ дар конференсияҳои илмии донишҷӯён.

## 2. Ташкил ва роҳбарии таҷрибаомӯзӣ

Ҷиҳати ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ банақшагирӣ ва амалӣ гардонидани чорабиниҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

-муайян кардан ва интихоби макони гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;

-бастани шартномаҳои тарафайн бо корхона, муассиса ё ташкилот;

-интихоби роҳбарон аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона, муассиса ё ташкилот (дар асоси мувофиқаи қаблӣ бо онҳо) ва интишори фармоиши ректор;

-муайян намудани мавзӯъ, мақсад, вазифа ва супоришҳои инфиродӣ, таъмин намудани донишҷӯён бо барнома ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, дастурҳои таълимию методӣ);

-сафарбар кардани донишҷӯён ба макони таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедра ва факултет.

Ҳуҷҷатҳои ташкилию методии асосӣ - ба тартиб даровардани фаъолияти донишҷӯён ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона, муассиса ё ташкилот, барнома ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, дастурҳои таълимию методӣ мебошад.

Барномаи таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи тахассусӣ дар мувофиқа бо масъули корхона, муассиса ё ташкилот, мураттаб сохта

мешавад. Саволҳои аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тайёркардашуда ба барнома дар мувофиқа бо кафедра дохил карда мешаванд.

Барномаҳои таҷрибаомӯзиро роҳбари таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва комиссияи махсуси методии муассисаи таълимӣ дида мебароянд ва онҳо аз тарафи муовини ректор оид ба таълим тасдиқ карда мешаванд.

Роҳбарии таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи фаъолияти гумрукӣ амалӣ гардонида мешавад. Кафедра аз ҳайати омӯзгорони таҷрибанок роҳбарони таҷрибаомӯзиро бо фармоиши ректори донишгоҳ таъйин менамояд.

Масалан, Фармоиши ректори ДДМИТ «Оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён» чунин интишор мешавад.

Мутобиқи банди 63-юми «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бандҳои 106 ва 109-и «Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 2.3.-и «Низомнома доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни ДДМИТ»,

**1.** Роҳбари умумии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ мудири кафедра Муслихова Т.Т. таъйин карда шавад.

**2.** Дар муддати 10 рӯз пас аз анҷоми таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба садорати факултет ва шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият оид ба натиҷаи таҷрибаомӯзӣ ҳисобот пешниҳод карда шавад.

4. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум, муовини ректор оид ба таълим Абдуалимзода Ҳ. А. вогузор карда шавад.

Асос: шартномаи ҳамкорӣ ва роҳхат.

Баъди ба имзо расидани фармоиши ректори донишгоҳ оид ба таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ рӯзнома ва роҳхат дода мешавад, ки одатан аз тарафи мутасаддии кафедра пур карда шуда, тақсим мегардад. Ҳар як роҳбари тачрибаомӯзӣ аз кафедра ба донишҷӯ - таҷрибаомӯз супориши мушаххаси инфиродӣ, вобаста ба иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ, рисолаи хатм медиҳад, ки дар рӯзнома дарҷ карда мешавад (Замимаи 1).

Вобаста ба объекти таҷрибаомӯзӣ дар рӯзнома нақшаи тақвимии таҷрибаомӯзӣ пур карда мешавад, ки аз тарафи роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва аз объекти таҷрибаомӯзӣ имзо карда мешавад.

Дар давоми таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ супоришҳои мушаххасро мувофиқи барнома иҷро намуда, дар Хадамоти гумрук ва ё ширкатҳои хизматрасонӣ (логистикӣ) ҳамчун таҷрибаомӯз, коромӯз ва ёрдамчӣ ҳисобида шуда метавонад. Дар ҳолатҳои зарурӣ таҷрибаомӯзро ин муассиса метавонад ба яке аз штатҳои холӣ муваққатан (дар муддати таҷрибаомӯзӣ) ба кор қабул намоянд.

Вақти кории донишҷӯ-таҷрибаомӯз ҳангоми гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартиб

дароварда мешавад ва барои донишҷӯёни аз сини 18-сола боло ҳафтае на зиёдтар аз 40 соат, барои донишҷӯёни сини 16-18-сола ҳафтае на зиёдтар аз 35 соатро дар бар мегирад. Вақти кории таҷрибаомӯз вобаста ба реҷа ва тартиби дохилии кории низоми бонкӣ муайян карда мешавад.

Тағйир додани муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни курсҳои алоҳида аз рӯи самт (ихтисос)-ҳо танҳо бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба амал оварда мешавад. Бо сабабҳои узрнок ба дигар вақт гузаронидани муҳлати таҷрибаомӯзӣ (ба таври инфиродӣ) мувофиқи фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад. Барои дар чунин ҳолат ба имзо расонидани фармоиши ректор ҳамчун асос аризаи донишҷӯ, розигии кафедра, пешниҳоди садорати факултет, муовини якум, муовини ректор оид ба таълим ва ҳуҷҷатҳои муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзиро тасдиқкунанда баромад мекунанд.

Мутасаддии асосии таҷрибаомӯзӣ роҳбари объекти таҷрибаомӯзӣ ҳисоб меёбад. Роҳбари таҷрибаомӯзиро сардорони воҳидҳои сохтории Хадамоти гумрук ва ё ширкатҳои хизматрасонӣ (логистикӣ), ки донишҷӯ дар он ҷо таҷрибаомӯзӣ мекунад, таъйин менамояд.

*Роҳбари умумии таҷрибаомӯзӣ аз кафедра мудири кафедра* буда, раванди таҷрибаомӯзиро назорат мекунад ва корҳои зеринро ба иҷро мерасонад:

- бо объектҳои таҷрибаомӯзӣ пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ робита пайдо менамояд;

- лоиҳаи фармоиши ректори донишгоҳро оид ба таҷрибаомӯзӣ вобаста ба нақшаи таълим таҳия менамояд, ки дар он ба ҳар як донишҷӯ объект ва роҳбари таҷрибаомӯзӣ вобаста карда мешавад;

- баъди анҷоми сессияи санҷишию имтиҳонӣ бо гурӯҳҳои академӣ оид ба тарзи гузаштани таҷрибаомӯзӣ маҷлис мегузаронад ва роҳбарони таҷрибаомӯзиро муаррифӣ менамояд;

- дар якҷоягӣ бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ раванди таҷрибаомӯзиро таҳти назорати қатъӣ мегирад;

- пас аз анҷоми таҷрибаомӯзӣ қабул ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзиро ташкил мекунад.

*Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ* ба донишҷӯ - таҷрибаомӯз дар ҳалли масъалаҳои амалӣ ва илмӣ, таҳлили маълумотҳои оморӣ ва ҳалли дигар масъалаҳо кумаки илмӣ-методӣ мерасонад.

Гузаронидани чорабиниҳоро дар самтҳои зерин таъмин менамояд:

- ба донишҷӯ - таҷрибаомӯз дар давоми таҷрибаомӯзӣ, вобаста ба нақшаи таълимӣ ва самти таҳқиқотии кафедра, супориши мушаххас медиҳад;

- сифати гузаронидани таҷрибаомӯзиро назорат мебарад ва мувофиқ будани онро ба барномаи мазкур ва барномаҳои таълимии фанҳои тадрисшавандаи кафедра таъмин менамояд;

- оид ба таъмини шароитҳои мусоиди корӣ дар воҳидҳои сохтории низоми бонкӣ ва ё шинос шудани донишҷӯ - таҷрибаомӯз ба шартҳои бехатарии меҳнат ва реҷаи корӣ назорат мебарад;

- ҳисоботи таҷрибаомӯзиро аз назар гузаронида, хулосаи мусбӣ ё манфии худро медиҳад ва дар ҳолати ба талабот ҷавобгӯ будани ҳисобот ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ барои дифоъ намудан дар назди комиссия иҷозат медиҳад;

- дар кори комиссияи қабули ҳисобот иштирок менамояд;

- ба мудири кафедра оид ба беҳтар намудани таҷрибаомӯзии донишҷӯён хулосаву пешниҳодоти худро дар шакли ҳисобот пешниҳод мекунад.

*Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объектҳои таҷрибаомӯзӣ* (воҳидҳои сохтории низоми бонкӣ):

- раванди таҷрибаомӯзиро мувофиқи барномаи мазкур, супориши мушаххас ва нақшаи тақвимӣ таъмин менамояд;

- оид ба қоидаҳои бехатарии меҳнат, реҷаи корӣ, хусусиятҳои махфияти иттилоот, сирри корхона ва дигар паҳлуҳои фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ машварат медиҳад;

- донишҷӯ(ён) - таҷрибаомӯз(он) - ро бо таърихи объекти таҷрибаомӯзӣ, оиннома, низомнома, самти асосии фаъолият, сохтор, шуъбаҳо, вазифаҳо, раванди технологӣ, илмию тадқиқотӣ, робитаҳои иқтисодӣ ва дигар самтҳо шинос менамояд ё барои омӯхтани онҳо мусоидат мекунад;

- донишҷӯ-таҷрибаомӯзро бо фаъолияти амалии объекти таҷрибаомӯзӣ шинос намуда, бо маводи зарурӣ онҳоро таъмин менамояд;

- интизоми донишҷӯ-таҷрибаомӯзро назорат менамояд ва дар ҳолатҳои аз тарафи таҷрибаомӯз вайрон кардани интизом ба донишгоҳ сари вақт хабар медиҳад;

- сари вақт пур кардани рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ ва навиштани ҳисоботро назорат мебарад ва ба таҷрибаомӯз тавсифнома медиҳад.

*Донишҷӯ - таҷрибаомӯз уҳдадор аст*:

- дар ҳолатҳои дар гуруҳи шарномавӣ таҳсил намудан ва объекти таҷрибаомӯзиаш муайян будан ба мудири кафедра то таҳияи лоиҳаи фармоиши таҷрибаомӯзӣ хабар диҳад;

- роҳхат, рӯзнома ва барномаи таҷрибаомӯзиро бо супориши мушаххас сари вақт аз кафедра гирад;

- сари вақт, мувофиқи муҳлати дар рӯзнома дарҷёфта, ба воҳидҳои сохтории низоми бонкӣ равад ва худро ба қайд гирад;

- бо реҷаи корӣ, интизоми меҳнат, қоидаҳои бехатарӣ ва тартиботи дохилии объекти таҷрибаомӯзӣ шинос шуда, онҳоро пурра риоя намояд;

- супоришҳои алоҳидаи роҳбари таҷрибаомӯзиро дар объекти таҷрибаомӯзӣ иҷро намояд, ки бо супоришҳои мушаххаси роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва барнома мувофиқ ҳастанд;

- дар ҳолати гузаштани таҷрибаомӯзӣ агар ягон монеа ба вуҷуд ояд, ҳатман ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ё мудири кафедра хабар диҳад;

- ҳар рӯз мазмуни мухтасари кори иҷрошударо дар рӯзнома қайд намуда, на камтар аз як маротиба дар як ҳафта ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ барои баррасӣ, тағйирот даровардан, имзо ва қайди иҷрои супориш рӯзномаашро пешниҳод намояд;

- дар асоси қайдҳои кардашуда, маводи ҷамъкардашуда, таҳлил ва шиносоӣ бо вазифаҳо ва тарзи ташкили кор дар объекти таҷрибаомӯзӣ ва иҷрои супоришҳои мушаххас ҳисоботи таҷрибаомӯзиро навишта, муқовабандӣ намояд;

- баъди анҷоми таҷрибаомӯзӣ рӯзнома ва тавсифномаро бо мухр ва имзои роҳбари таҷрибаомӯзиро аз объекти таҷрибаомӯзӣ гирифта, ба кафедра дар мӯҳлатҳои муайяншуда супорад;

- дар ҳолати якчанд нафар сафарбар шудан ба як объекти таҷрибаомӯзӣ ҳисобот бояд бо ҳисоботи дигар якхела набошад;

- дар ҳолати тақризи манфӣ гирифтан аз роҳбар ё камбудӣ доштани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ, хатоҳоро бояд сари вақт ислоҳ намояд;

- ҳисоботи таҷрибаомӯзиро бо тартиб ва ҷадвали аз тарафи кафедра муайяншуда, дар назди комиссияи қабули ҳисобот дифоъ намояд;

- дар ҳолати насупоридани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ дар муддати муайяншуда ва ё дифоъ накардани он донишҷӯ аз донишгоҳ хориҷ карда мешавад.

## 3. Ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ

Ба ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ дохил мешаванд:

- Рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, ки дар он корҳои рӯз ба рӯз баанҷомрасонида дар ҷойи таҷрибаомӯзӣ дарҷ меёбад ва аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ ба имзо расонида мешавад.

- Ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ (дар ҳаҷми на кам аз 25 саҳифа ва дар шакли дастнавис).

- Тавсифномаи таҷрибаомӯз, ки аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзи навишта шуда, имзо ва мухр гузошта шудааст.

## 4. Барномаи таҷрибаомӯзӣ

Барномаи таҷрибаомӯзӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:

1. Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш;
2. Мундариҷаи таҷрибаомӯзӣ.

**4.1. Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш**

Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

| Муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ | Мазмуни мухтасари корҳои иҷрошаванда |
|---|---|
| **Як рӯз** | **Шиносоӣ бо роҳбарият, сохтори бонк (филиал, шуъба, маркази хизматрасонӣ)** |
| **То чор рӯз** | **Шиносоӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии бонк**<br>- Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон<br>- Дар бораи фаъолияти бонкӣ<br>- Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор<br>- Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд<br>- Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм<br>- Дар бораи гаравхона (ломбард)<br>- Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо<br>- Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа<br>- Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок<br>- Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ<br>- Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ<br>- Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ<br>- Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд<br>- Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ<br>- Дар бораи таърихи қарз (кредит)<br>- Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ<br>(Дигар дастурамалу низомномаҳо) |
| **Як рӯз** | Фаҳмондадиҳии ҳадафҳои асосии бонк, мақсад, вазифа ва мавқеи он дар иқтисодиёт |
| **Як рӯз** | Омӯзондани муносибат ва муошират бо мизоҷон ҳангоми пешниҳоди хизмат |
| **То чор рӯз** | Омӯхтани фаъолият ва амалиётҳои ҳар як шуъбаи бонк дар алоҳидагӣ |
| **То се рӯз** | Шиносоӣ бо тартиби коргузории ҳар як шуъбаи бонк дар алоҳидагӣ |

**4.1. Тақвими таҷрибаомӯзии таълимӣ барои ихтисоси иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ**

| Муҳлати | Мазмуни мухтасари корҳои иҷрошаванда |
|---|---|

| | |
|---|---|
| **гузаронидани таҷрибаомӯзӣ** | |
| **Як рӯз** | **Шиносоӣ бо роҳбарият, сохтори бонк (филиал, шуъба, маркази хизматрасонӣ)** |
| **То чор рӯз** | **Шиносоӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии бонк**<br>- Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон<br>- Дар бораи молия (ҳар сол тибқи муқаррарот)<br>- Дар бораи фаъолияти бонкӣ<br>- Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор<br>- Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд<br>- Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм<br>- Дар бораи гаравхона (ломбард)<br>- Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо<br>- Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа<br>- Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок<br>- Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ<br>- Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ<br>- Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ<br>- Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд<br>- Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ<br>- Дар бораи таърихи қарз (кредит)<br>- Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ<br>(Дигар дастурамалу низомномаҳои марбут ба бонку молия) |
| **Як рӯз** | Фаҳмондадиҳии ҳадафҳои асосии бонк, (Вазорати молияи ҶТ, Раёсати молия ва шуъбаҳои марбути он) мақсад, вазифа ва мавқеи он дар иқтисодиёт |
| **Як рӯз** | Омӯзиши фаъолият ва ҳадафҳои асосии Вазорати молия, агар бонк бошад, муносибат ва муошират бо мизоҷон ҳангоми пешниҳоди хизмат |
| **То чор рӯз** | Омӯхтани фаъолият ва амалиётҳои ҳар як шуъбаи бонк ё вазорату раёсатҳои молия дар алоҳидагӣ |
| **То се рӯз** | Шиносоӣ бо тартиби коргузории ҳар як шуъбаи бонк (раёсати молия, шуъба) дар алоҳидагӣ |

**1. Тақвими таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ барои ихтисосҳои кори бонкӣ**

| **Мӯҳлати гузаронидани** | **Мазмуни мухтасари корҳои иҷрошаванда** |
|---|---|

| | |
|---|---|
| **таҷрибаомӯзӣ** | |
| **Як рӯз** | **Шиносоӣ бо роҳбарият, сохтори бонк (филиал, шуъба, маркази хизматрасонӣ)** |
| **То чор рӯз** | **Шиносоӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии бонк**<br>- Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон<br>- Дар бораи фаъолияти бонкӣ<br>- Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор<br>- Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд<br>- Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм<br>- Дар бораи гаравхона (ломбард)<br>- Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо<br>- Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа<br>- Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок<br>- Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ<br>- Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ<br>- Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ<br>- Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд<br>- Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ<br>- Дар бораи таърихи қарз (кредит)<br>- Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ<br>(Дигар дастурамалу низомномаҳо) |
| **Як рӯз** | **Шиносоӣ ва омӯзиши дақиқи дастурамалу низомномаҳои зерин:**<br>- Дастурамали №141 "Дар бораи тартиби баҳисобгирии бухгалтерии иҷораи молиявӣ (лизинг) дар бонкҳо"<br>- Дастурамали №142 “Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани асъори нақди миллӣ ва хориҷӣ ва коғазҳои қиматноки бо асъори миллӣ ва хориҷӣ ифодаёфта”<br>- Дастурамали №150 «Дар бораи тартиби гузаронидани амалиёти сейфӣ аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»<br>- Дастурамали №156 "Дар бораи анҷом додани амалиёти РЕПО ва баръакси РЕПО аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо коғазҳои қиматноки давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”<br>- Дастурамали №165 "Дар бораи музоядаҳои қарзии Бонки миллии Тоҷикистон"<br>- Дастурамали №168 “Дар бораи тартиби истифодаи |

| | |
|---|---|
| | асъори хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон" - Дастурамали №170 «Дар бораи аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон гузаронидани амалиёти кӯтоҳмӯҳлати амонатӣ бо ташкилотҳои қарзӣ» - Дастурамали №171 «Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Дастурамали №173 "Оид ба корҳои кассавӣ дар муассисаҳои низоми бонкӣ" - Дастурамали №175 "Оид ба меъёрҳои ҳадди ниҳоии мавқеи кушодаи асъорӣ ва тартиби ҳисоби онҳо барои ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ)" - Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ" - Дастурамали №177 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо" - Дастурамали №178 «Дар бораи ташкили ҳисоббаробаркуниҳо байни ташкилотҳои қарзӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Дастурамали №180 «Оид ба тартиби кори бозори байнибонкии асъор тавассути низоми электронии савдо» - Дастурамали №181 "Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзӣ" - Дастурамали №186 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ» - Дастурамали №188 "Дар бораи кушодани суратҳисобҳои резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон" - Дастурамали №189 «Дар бораи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон» - Дастурамали №190 «Дар бораи тартиби хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ» - Дастурамали №191 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти асъории вобаста ба ҳаракати сармоя аз тарафи резидент" - Дастурамали №192 "Дар бораи тартиб ва қоидаҳои анҷом додани амалиёти асъорӣ -фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ бо асъори хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" |

| | |
|---|---|
| | - Дастурамали №193 "Дар бораи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"<br>- Дастурамали №194 "Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд"<br>- Дастурамали №195 "Дар бораи кор бо қарзҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон"<br>- Дастурамали №196 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои амонатии қарзии хурд"<br>- Дастурмали № 197 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд"<br>- Дастурмали № 198 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти фондҳои қарзии хурд"<br>- Дастурамали №199 "Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд"<br>- Дастурамали №200 "Дар бораи муайян ва санҷидани шахсияти муштарӣ ва молик-бенефитсиар"<br>- Дастурамали №201 "Дар бораи хизматрасонии фосилавии бонкӣ"<br>- Дастурамали №202 «Дар бораи тартиб ва қоидаҳои додан, асосҳои рад ва ё бозхонди иҷозатнома барои фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор ва тартиби анҷомдиҳии ин фаъолият»<br>- Дастурамали №204 "Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ"<br>- Дастурамали №205 Дар бораи пур намудани шакли ҳисоботи омории №1 - АМ "Амалиётҳои молиявии берунаи субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ"<br>- Дастурамали №207 "Оид ба тартиби ташкил ва истифодаи захира барои пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон"<br>Низомномаҳо:<br>- Низомномаи № 81 "Дар бораи шуъбаҳои Бонки миллии Тоҷикистон"<br>- Низомномаи № 101 "Дар бораи ҳисобгирии амонатдорӣ (депозитарӣ) дар Бонки миллии Тоҷикистон"<br>- Низомнома "Дар бораи маъмурияти муваққатӣ оид ба идоракунии ташкилоти қарзӣ"<br>- Низомномаи стипендияи номии Бонки миллии Тоҷикистон<br>Тартибҳо: |

| | |
|---|---|
| | - Тартиби омода сохтани шаклҳои ҳисоботи молиявӣ барои ташкилотҳои қарзӣ (Намунаи ҳисобот ва ҷадвалҳо)<br>-Тартиби татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ ба ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон<br>- Тартиби гузаронидани санҷиши тахассусии номзадҳо ба вазифаи кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ<br>- Тартиби таъсиси воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо (дар таҳрири нав)<br>- Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он<br>**Қоидаҳо:**<br>- Қоидаҳои муқаррар намудани қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба сомонӣ<br>- Қоидаҳои амалигардонии пардохтҳои электронӣ тавассути низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон<br>- Қоидаҳои анҷом додани аҳду амалиёт бо субъектҳои минтақаҳои оффшорӣ<br>- Қоидаҳои аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намудани қарз ба ташкилотҳои қарзӣ дар ҳолатҳои фавқулодда<br>- Қоидаҳои муқаррар намудани талаботи тахассусӣ ба барҳамдиҳанда, мудири махсуси ташкилоти қарзӣ ва тартиби гирифтани шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистон<br>- Қоидаҳои гузаронидани аттестатсия барои ҳуқуқи анҷом додани аудити бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ<br>- Қоидаҳо оид ба тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон |
| | **Тартиби муносибат ва муошират бо мизоҷон ҳангоми пешниҳоди хизмат** |
| | **Омӯзиши механизмҳои асосии кор дар ҳар як шуъбаи дахлдори бонк** |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи қарзӣ:**<br>- тартиби бастани шартномаи қарзӣ ва ҷобаҷогузории парвандаҳо<br>- тартиби гузаронидани маркетинг<br>- тартиби гузаронидани скрининг |

| | |
|---|---|
| | - тартиби баровардани маржаи маҷмӯӣ<br>- тартиби муайян кардани пардохтпазирии муштарӣ |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи муҳосибот:**<br>- тартиби кор дар шуъбаи муҳосибот<br>- риояи меъёр ва принсипҳои шуъбаи муҳосибот<br>- тартиби баҳисобгирии маблағҳои содиротию воридотӣ<br>- тартиби бақайдгирӣ ва ҷобаҷогузории ҳуҷҷатҳои муҳосибот<br>- тартиби пур намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи интиқоли маблағҳо:**<br>- тартиби коргузорӣ ҳангоми қабул ва интиқоли маблағҳои пулӣ<br>- дартиби ҷобаҷогузорӣ ва пур намудани ҳуҷҷатҳои интиқолӣ |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи чакана:**<br>- тартиби бастани шартнома ҳангоми қабули амонату пасандозҳо<br>- тартиби пур намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳангоми кабули амонату пасандоз<br>- тартиби бастани шартномаи хизматрасонии кортҳои пластикӣ<br>- тартиби кушодани суратҳисоби амонатию пасандозӣ, инчунин кортҳои пластикӣ<br>- тартиб ва меъёрҳои бастани суратҳисобҳо |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи хазинадорӣ:**<br>**-** тартиби коргузорӣ дар шуъбаи хазинадорӣ<br>- тартиби коргузорӣ бо маблағҳои содиротию воридотӣ<br>- тартиби баҳисобгирии маблағҳои содиротию воридотӣ |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи иттилоотию барномасозӣ:**<br>**-** шиносоӣ бо асосҳои методологии барномасозӣ<br>- шиносоӣ бо барномасозӣ ва барномаҳои марбут ба фаъолияти бонк<br>- шиносоӣ бо асосҳои методологии барномасозӣ<br>- усулҳои асосии истифода ва ҳимояи рамзшиканӣ |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи қарзҳои мушкилситон:**<br>- механизмҳои асосии барқарорсозии қарзҳои мушкилситон<br>- тартиби кор бурдан бо қарзҳои мушкилситон<br>- усулҳои баҳисобгирии қарзҳои мушкилситон<br>- тартиби кор бо парвандаҳои қарзҳои мушкилситон |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи маркетинг (бозорёбӣ):**<br>**-** омӯзиши сатҳи талабот дар бозори беруна<br>- тартиби гузаронидани тадқиқотҳои маркетингӣ дар |

| | |
|---|---|
| | бозор<br>- механизмҳои асосии коргузорӣ дар шуъбаи маркетинг |
| | **Вазифаҳои инфиродӣ:**<br>- омӯзиши ҳолатҳои асосии гузаронидани аудит<br>- омӯзиши ҳолатҳои асосии гузаронидани ревизия<br>- омӯзиши ҳолатҳои асосии муфлисшавӣ ва барҳамдиҳӣ |
| | **Ҷамъоварии маълумот ва навиштани ҳисобот** |
| **Ҷамъи рӯзҳо** | **Ҷамъи мавзӯъҳои омӯхташуда** |

**2. Тақвими таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ барои ихтисоси иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ**

| **Муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ** | **Мазмуни мухтасари корҳои иҷрошаванда** |
|---|---|
| **Як рӯз** | **Шиносоӣ бо роҳбарият, сохтори бонк (филиал, шуъба, маркази хизматрасонӣ)** |
| **То чор рӯз** | **Шиносоӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии бонк**<br>- Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон<br>- Дар бораи фаъолияти бонкӣ<br>- Дар бораи молия (ҳар сол тибқи муқаррарот)<br>- Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор<br>- Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд<br>- Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм<br>- Дар бораи гаравхона (ломбард)<br>- Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо<br>- Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа<br>- Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок<br>- Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ<br>- Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ<br>- Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ<br>- Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд<br>- Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ<br>- Дар бораи таърихи қарз (кредит)<br>- Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ<br>(Дигар дастурамалу низомномаҳо) |
| | **Шиносоӣ ва омӯзиши дақиқи дастурамалу низомномаҳои зерин:**<br>- Дастурамали №141 "Дар бораи тартиби баҳисобгирии бухгалтерии иҷораи молиявӣ (лизинг) |

| | |
|---|---|
| | дар бонкҳо"<br>- Дастурамали №142 “Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани асъори накди миллӣ ва хориҷӣ ва коғазҳои қиматноки бо асъори миллӣ ва хориҷӣ ифодаёфта”<br>- Дастурамали №150 «Дар бораи тартиби гузаронидани амалиёти сейфӣ аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»<br>- Дастурамали №156 "Дар бораи анҷом додани амалиёти РЕПО ва баръакси РЕПО аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо коғазҳои қиматноки давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”<br>- Дастурамали №165 "Дар бораи музоядаҳои қарзии Бонки миллии Тоҷикистон"<br>- Дастурамали №168 “Дар бораи тартиби истифодаи асъори хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон”<br>- Дастурамали №170 «Дар бораи аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон гузаронидани амалиёти кӯтоҳмуҳлати амонатӣ бо ташкилотҳои қарзӣ»<br>- Дастурамали №171 «Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»<br>- Дастурамали №173 “Оид ба корҳои кассавӣ дар муассисаҳои низоми бонкӣ”<br>- Дастурамали №175 “Оид ба меъёрҳои ҳадди ниҳоии мавқеи кушодаи асъорӣ ва тартиби ҳисоби онҳо барои ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ)”<br>- Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ"<br>- Дастурамали №177 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо"<br>- Дастурамали №178 «Дар бораи ташкили ҳисоббаробаркуниҳо байни ташкилотҳои қарзӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон»<br>- Дастурамали №180 «Оид ба тартиби кори бозори байнибонкии асъор тавассути низоми электронии савдо»<br>- Дастурамали №181 "Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзӣ"<br>- Дастурамали №186 «Дар бораи тартиби додани қарз |

| | |
|---|---|
| | ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ»<br>- Дастурамали №188 “Дар бораи кушодани суратҳисобҳои резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон”<br>- Дастурамали №189 «Дар бораи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон»<br>- Дастурамали №190 «Дар бораи тартиби хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ»<br>- Дастурамали №191 “Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти асъории вобаста ба ҳаракати сармоя аз тарафи резидент”<br>- Дастурамали №192 “Дар бораи тартиб ва қоидаҳои анҷом додани амалиёти асъорӣ -фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ бо асъори хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”<br>- Дастурамали №193 "Дар бораи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"<br>- Дастурамали №194 “Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд”<br>- Дастурамали №195 “Дар бораи кор бо қарзҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон”<br>- Дастурамали №196 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои амонатии қарзии хурд”<br>- Дастурмали № 197 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд"<br>- Дастурмали № 198 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти фондҳои қарзии хурд"<br>- Дастурамали №199 "Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд"<br>- Дастурамали №200 "Дар бораи муайян ва санҷидани шахсияти муштарӣ ва молик-бенефитсиар"<br>- Дастурамали №201 “Дар бораи хизматрасонии фосилавии бонкӣ”<br>- Дастурамали №202 «Дар бораи тартиб ва қоидаҳои додан, асосҳои рад ва ё бозхонди иҷозатнома барои фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор ва тартиби анҷомдиҳии ин фаъолият»<br>- Дастурамали №204 “Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқей бе кушодани суратҳисоби бонкӣ”<br>- Дастурамали №205 Дар бораи пур намудани шакли ҳисоботи омории №1 - АМ "Амалиётҳои молиявии |

| | |
|---|---|
| | берунаи субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ"<br>- Дастурамали №207 “Оид ба тартиби ташкил ва истифодаи захира барои пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон”<br>Низомномаҳо:<br>- Низомномаи № 81 “Дар бораи шуъбаҳои Бонки миллии Тоҷикистон"<br>- Низомномаи № 101 “Дар бораи ҳисобгирии амонатдорӣ (депозитарӣ) дар Бонки миллии Тоҷикистон”<br>- Низомнома "Дар бораи маъмурияти муваққатӣ оид ба идоракунии ташкилоти қарзӣ"<br>- Низомномаи стипендияи номии Бонки миллии Тоҷикистон<br>Тартибҳо:<br>- Тартиби омода сохтани шаклҳои ҳисоботи молиявӣ барои ташкилотҳои қарзӣ (Намунаи ҳисобот ва ҷадвалҳо)<br>-Тартиби татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ ба ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон<br>- Тартиби гузаронидани санҷиши тахассусии номзадҳо ба вазифаи кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ<br>- Тартиби таъсиси воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо (дар таҳрири нав)<br>- Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он<br>**Қоидаҳо:**<br>**-** Қоидаҳои муқаррар намудани қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба сомонӣ<br>**-** Қоидаҳои амалигардонии пардохтҳои электронӣ тавассути низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон<br>**-** Қоидаҳои анҷом додани аҳду амалиёт бо субъектҳои минтақаҳои оффшорӣ<br>**-** Қоидаҳои аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намудани қарз ба ташкилотҳои қарзӣ дар ҳолатҳои фавқулодда<br>**-** Қоидаҳои муқаррар намудани талаботи тахассусӣ ба барҳамдиҳанда, мудири махсуси ташкилоти қарзӣ ва тартиби гирифтани шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистон |

| | |
|---|---|
| | - Қоидаҳои гузаронидани аттестатсия барои ҳуқуқи анҷом додани аудити бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ<br>- Қоидаҳо оид ба тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон<br>(Дигар дастурамалу низомномаҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) |
| | **Тартиби муносибат ва муошират бо мизоҷон ҳангоми пешниҳоди хизмат. Тартиби ҷобаҷогузории ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар Вазорати молияи ҶТ ва Раёсати молия** |
| | **Омӯзиши механизмҳои асосии кор дар ҳар як шуъбаи дахлдори бонк ё вазорату раёсати молия** |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи қарзӣ:**<br>- тартиби бастани шартномаи қарзӣ ва ҷобаҷогузории парвандаҳо<br>- тартиби гузаронидани маркетинг<br>- тартиби гузаронидани скрининг<br>- тартиби баровардани маржаи маҷмӯӣ<br>- тартиби муайян кардани пардохтпазирии муштарӣ<br>**Омӯзиш дар департаменти буҷети давлатӣ**<br>**Омӯзиши дороиҳои давлатӣ ва қарзҳои дохила** |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи муҳосибот:**<br>- тартиби кор дар шуъбаи муҳосибот<br>- риояи меъёр ва принсипҳои шуъбаи муҳосибот<br>- тартиби баҳисобгирии маблағҳои содиротию воридотӣ<br>- тартиби бақайдгирӣ ва ҷобаҷогузории ҳуҷҷатҳои муҳосибот<br>- тартиби пур намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ<br>**Омӯзиш дар департаменти сиёсати молиявӣ**<br>**Омӯзиш дар сарраёсати идоракунии хазинадорӣ** |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи интиқоли маблағҳо:**<br>- тартиби коргузорӣ ҳангоми қабул ва интиқоли маблағҳои пулӣ<br>- тартиби ҷобаҷогузорӣ ва пур намудани ҳуҷҷатҳои интиқолӣ<br>**Омӯзиш дар департаменти қарзҳои беруна** |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи чакана:**<br>- тартиби бастани шартнома ҳангоми қабули амонату пасандозҳо<br>- тартиби пур намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳангоми қабули амонату пасандозҳо<br>- тартиби бастани шартномаи хизматрасонии кортҳои |

| | |
|---|---|
| | пластикӣ<br>- тартиби кушодани суратҳисоби амонатию пасандозӣ, инчунин кортҳои пластикӣ<br>- тартиб ва меъёрҳои бастани суратҳисоб<br>**Омӯзиш дар идоракунии мониторинги рушди иқтисодиёт** |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи хазинадорӣ:**<br>**-** тартиби коргузорӣ дар шуъбаи хазинадорӣ<br>- тартиби коргузорӣ бо маблағҳои содиротию воридотӣ<br>- тартиби баҳисобгирии маблағҳои содиротию воридотӣ |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи иттилоотию барномасозӣ:**<br>**-** шиносоӣ бо асосҳои методологии барномасозӣ<br>- шиносоӣ бо барномасозӣ ва барномаҳои марбут ба фаъолияти бонкӣ<br>- усулҳои асосии истифода ва ҳимояи рамзшиканӣ |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи қарзҳои мушкилситон:**<br>- механизмҳои асосии барқарорсозии қарзҳои мушкилситон<br>- тартиби кор бурдан бо қарзҳои мушкилситон<br>- усулҳои баҳисобгирии қарзҳои мушкилситон<br>- тартиби кор бо парвандаҳои қарзҳои мушкилситон |
| | **Омӯзиш дар шуъбаи маркетинг (бозорёбӣ):**<br>- омӯзиши сатҳи талабот дар бозори беруна<br>- тартиби гузаронидани тадқиқотҳои маркетингӣ дар бозор<br>- механизмҳои асосии коргузорӣ дар шуъбаи маркетинг<br>Омор |
| | **Вазифаҳои инфиродӣ:**<br>- омӯзиши ҳолатҳои асосии гузаронидани аудит<br>- омӯзиши ҳолатҳои асосии гузаронидани ревизия<br>- омӯзиши ҳолатҳои асосии муфлисшавӣ ва барҳамдиҳӣ<br>- омӯзиши таҳлил ва банақшагирии буҷет<br>- методикаи тақсим ва банақшагирии даромаду хароҷоти буҷет<br>- механизми тартиб додани сметаи хароҷот |
| | **Ҷамъоварии маълумот ва навиштани ҳисобот** |
| **Ҷамъи рӯзҳо** | **Ҷамъи мавзӯъҳои омӯхташуда** |

## 6. Ҳадафҳои асосии гузаронидани таҷрибаомӯзӣ

Дар асоси қарордоди тарафайни Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон бо субъектҳои таҷрибаомӯзӣ - Бонки миллии

Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ (шуъбаҳои онҳо дар вилоятҳо, шуъбаҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ), инчунин ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ тачрибаомӯзӣ ташкил карда мешавад. Донишҷӯи таҷрибаомӯз метавонад ҷои таҷрибаомӯзиро мустақилона интихоб намуда, дар ин хусус ба кафедра сари вақт хабар диҳад.

Гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар чунин сохторҳои иқтисодиёт ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бо самтҳои асосии фаъолияти худ, инчунин дастрас кардани иттилоот барои таҳияи ҳисобот, кори курсӣ ва рисолаи дипломӣ шиносоӣ пайдо намуда, малакаи амалӣ ҳосил намоянд.

Кафедраи фаъолияти бонкӣ донишҷӯёни таҷрибаомӯзро бо шуъбаи бонкҳо вобаста намуда, бо фармони ректори ДМИТ онҳоро ба он ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ равон мекунад.

Пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯён доир ба гузаронидани таҷрибаомӯзӣ маслиҳатҳо ва супоришҳои фардӣ дода мешаванд. Супоришҳоро роҳбарони таҷрибаомӯзӣ ва рисолаҳои дипломӣ пешниҳод менамоянд. Супориши фардӣ дар рӯзномаи таҷрибомӯзӣ қайд карда шуда, аз тарафи роҳбарони вобасташудаи корҳои дипломӣ имзо гузошта мешавад.

Тартиби гузаронидани таҷрибаомӯзӣ аз рӯи нақша ба ҳар донишҷӯ дар мувофиқа бо дастури методӣ оид ба тачрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, объекти таҷрибаомӯзӣ, инчунин бо назардошти таҷрибаомӯзӣ дар бонкҳою ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ муайян карда мешавад. Бо мақсади беҳтар омода будан ба таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ уҳдадор аст, бо барнома ва мазмуни корҳои минбаъда шинос шуда, адабиёти тавсияшударо ҷамъ оварад ва муфассал омӯзад. Тартиби ҷамъоварӣ ва коркарди мавод бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз бонк мувофиқа кунонида мешавад.

Қабл аз баанҷомрасии таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ бояд натиҷаҳои корҳои худро доир ба таҳияи ҳисобот бо роҳбари таҷрибаомузӣ аз истеҳсолот муҳокима намояд.

Роҳбарии методӣ ва илмии таҷрибаомӯзиро роҳбари таҷрибаомӯзӣ, ки аз устодони соҳибтачрибаи кафедра таъйин шудааст, ба уҳда дорад. Вай барои ҳалли масъалаҳои ташкилӣ бо донишҷӯён маҷлис гузаронида, вазифадор аст, ки дар таҳияи нақшаи кории тақвимӣ ба онҳо кумак расонад, рафти иҷрои онро назорат намуда, доир ба масъалаҳои таҷрибаомӯзӣ ва таҳияи ҳисобот маслиҳат диҳад, инчунин сифати азхудкунии корҳои иҷрошударо тафтиш намояд.

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедраи фаъолияти бонкӣ уҳдадор аст:

- бо роҳбар аз муассисаи таҷрибаомӯзӣ ба management таври муштарак нақшаи тақвимии кории донишҷӯро таҳия намояд;
- ба донишҷӯён доир ба масъалаи гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва таҳияи ҳисобот маслиҳатҳо диҳад;
- сифати корҳои донишҷӯро тафтиш намояд.

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз бонк ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ аз тарафи роҳбарияти ташкилоти базавӣ таъйин карда мешавад ва ӯ уҳдадор аст, ки:

- дар таҳияи нақшаи тақвимии таҷрибаомӯзии донишҷӯён иштирок намояд;
- донишҷӯро бо ҷои корӣ таъмин намуда, бо қоидаҳои тартиботи дохилии ташкилот, омода намудани ҳисобот ва дастурамалҳои зарурӣ шинос ва иҷрои онҳоро назорат кунад, то ин ки супоришҳои додашуда бамавқеъ ва хушсифат иҷро гарданд;
- дар ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳои зарурӣ маслиҳатҳо дода, имконият фароҳам намояд;
- дар интихоби маводҳо ва санҷиши сифати корҳои иҷрошуда ва ҳисобот ёрӣ расонад;
- баъд аз анҷоми муҳлати таҷрибаомӯзӣ ба фаъолияти кории таҷрибаомӯз тавсифномаи (характеристика) хаттӣ дода, ҳисоботи таҳиякардаи донишҷӯро тафтиш ва тасдиқ намояд;

Назорати ҷориро аз рафти кории донишҷӯ роҳбари аз ташкилоти таҷрибаомӯзӣ таъйиншуда амалӣ менамояд. Муҳлати таҷрибаомӯзӣ ва реҷаи кории донишҷӯи таҷрибаомӯз дар ташкилоти таҷрибаомӯзӣ бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз ДМИТ ва роҳбарияти ташкилоти қабулкунанда мувофиқа кунонида мешавад.

Донишҷӯи таҷрибаомӯз уҳдадор аст, ки:

- мутобиқи нақшаи тақвимӣ, ки бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ мувофиқа карда шудааст, ба ҷои таҷрибаомӯзӣ ҳозир шавад;
- талаботи интизоми истеҳсолию меҳнатиро, ки дар ташкилотҳои қарзӣ муқаррар шудааст, иҷро намояд;
- дар фаъолияти ҷории истеҳсолии корхона, ташкилоти бонкӣ ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ бевосита иштирок намояд;
- ба нишондодҳои роҳбарони таҷрибаомӯзӣ пайравӣ намояд, маводҳоро барои таҳияи ҳисобот омода созад, ҳисоботи таҳияшудаи таҷрибаомӯзиро ба расмият дароварда, дар муҳлати муқарраршуда ҳимоя намояд.

Таҷрибаомӯз бояд на танҳо услуби корҳоро азбар намояд, инчунин алоқаи корҳои методиеро, ки дар шуъба (қисм) гузаронидааст, дар алоқамандӣ бо дигар шуъбаҳои (қисм) макони таҷрибаомӯзӣ бо мақсади ҷамъбасти натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ иҷро намояд. Дар ҳолати пайдо шудани мушкилот доир ба иҷрои вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ, ки бо хусусияти корҳо алоқамандӣ доранд, донишҷӯ ҳатман оид ба чунин ҳолатҳо ба роҳбари таъйиншудаи таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ муроҷиат намояд.

## 7. Мақсад, вазифа ва мазмуни таҷрибаомӯзӣ

### 7.1 Таҷрибаомӯзии таълимӣ

Мақсади таҷрибаомӯзии таълимӣ аз муфассалгардонӣ ва мустаҳкам кардани донишҳои назариявии дар давоми таҳсил азхудкардаи донишҷӯ, инчунин ҳосил кардани малакаи амалӣ доир ба

ихтисоси худ мебошад. Вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзии таълимӣ инҳоянд:

- истифодаи донишҳои назариявӣ дар соҳаи амалӣ;
- шиносоӣ бо ташкили сохтор ва мазмуни корҳои бонкӣ ва ташкилотҳои ғайрибонкӣ;
- шиносоӣ бо кори китобхонаҳои бинои 1 ва 2;
- шиносоӣ бо сохтори донишгоҳ;
- шиносоӣ бо ташкили сохтори баҳисобгирии донишгоҳ;
- шиносоӣ бо кафедраҳои факултет;

Таҷрибаомӯзии таълимӣ аз ду давра иборат аст:

1. Шиносоӣ бо сохтори бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;
2. Омӯхтани тартиби навиштани ҳисоботи таҷрибаомӯзии таълимӣ.

Дар давраи якум донишҷӯён бояд бо мақсад, вазифа, фаъолият, ҳуқуқ, уҳдадориҳо, ташкили сохтори бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ шинос карда шаванд.

Дар давраи дуюм донишҷӯ бояд барои навиштани ҳисобот ва сифати таҷрибаомӯзӣ вақти асосии худро сарф намояд. Дар ин марҳила донишҷӯ бояд чунин намуди корҳоро ба анҷом расонад:

- омӯзиши сохтор ва вазифаҳои шуъба, дастурамали вазифавии роҳбарон ва мутахассисон;
- иштирок дар ҷамъоварӣ ва назорати иттилооти омории воридшаванда;

Таҷрибаомӯзии таълимӣ ба муҳлати ду ҳафта пешбинӣ шудааст. Таҷрибаомӯзии таълимии донишҷӯёни таҳсилоти рӯзонаи ихтисосҳои кори бонкӣ ва иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ баъди супоридани сессияи имтиҳонотии тобистонаи семестри 2 дар давоми ду ҳафта гузаронида мешавад.

Донишҷӯ, дар баробари чунин корҳои таҳлилӣ, инчунин бо ташкили фаъолияти шуъба: сохтор, тақсимоти вазифаҳо дар байни ҳамкорон аз рӯи намуди корҳои ҷорӣ (аз рӯи шаклҳои ҳисобот), оид ба доираи воҳидҳои ҳисобдеҳ, хусусияти корҳо вобаста аз дараҷаи ихтисоси коркунон, ҳаҷм ва тақвими иҷрои корҳо; тақсимоти вазифаҳо ҳангоми иҷрои корҳои яквақта; тартиби ҷалбкунӣ ва омӯзонидани кормандони муваққатӣ, ҳайати онҳо бояд шинос шавад.

## 7.2. Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ

Мақсади тачрибаомӯзӣ беҳтар намудани сифати омодасозии мутахассисон доир ба омӯзиши фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ бо роҳи мукаммалгардонӣ ва мустаҳкам кардани донишҳои назариявии азхудкардашуда, гирифтани малакаи зарурии амалии истеҳсолӣ дар ташкилотҳои қарзӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзӣ иборат аз:

- шиносоӣ бо хусусиятҳои кори бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, тавсифи иҷтимоӣ-иқтисодии фаъолияти онҳо;

- омӯзиши усулҳои таҳия ва амалигардонии системаи иттилоотӣ-таҳлилии ташкилотҳои қарзӣ;

- омӯзиши усулҳои ҳисобкунии оморӣ, таҳияи ҳисоботи шуъбаҳои бонк ва пешниҳод намудани он ба мақомоти болоӣ;

- иштирок дар гузаронидани мушоҳидаҳо ҷиҳати коркард ва таҳлили маводҳои омории ташкилоти қарзӣ;

- ҷамъоварии маводҳои назариявӣ ва амалӣ барои маърӯзаҳои илмӣ ва иҷрои корҳои дипломӣ доир ба ихтисоси интихобшуда.

Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ бо назардошти соҳаи фаъолият, шакли ташкилӣ-ҳуқуқии он гуногун мешавад.

Давомнокии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ 12 ҳафта аст.

### 7.2.1. Таҷрибаомӯзӣ дар сохтори бонкӣ

Ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои тиҷоратию давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дохил мешаванд.

Барои амиқ омӯхтани низоми фаъолияти бонкӣ донишҷӯ бояд доир ба фаъолияти яке аз мақомотҳои ягонаи низоми бонкӣ тасаввуроти амиқ пайдо намояд. Бо фаъолияти асосии он ба таври муфассал шинос шуда, дар корҳои илмӣ-методии шуъба, ки дар он таҷриба меомӯзад, фаъолона иштирок кунад. Реҷаи гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯ ба таври инфиродӣ тартиб дода мешавад.

Дар рафти таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ лозим аст, ки чунин корҳои ҷории шуъбаи дар он ҷо таҷрибаомӯзӣ доштаашро омӯзад:

а) корҳо бо ҳисоботҳои дохилшаванда, доираи воҳидҳои ҳисобдеҳ, тартиби ҷамъбасткунӣ ва муҳлати қабули ҳисоботҳо;

б) тартиби қабули муштариён ва кор бурдан бо онҳо;

г) тартиби муайян намудани пардохтпазирии корхонаи қарзгиранда ва дигарҳо бо муштариён;

д) бо усулҳои додани қарзҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ шинос шудан.

Донишҷӯ бояд малакаи иҷрои тартиби додани қарзҳоро хуб омӯзад.

Ҳамчунин дар баробари чунин корҳои таҳлилӣ донишҷӯ бояд бо ташкили фаъолияти шуъба: сохтор, тақсимоти вазифаҳо дар байни ҳамкорон аз рӯи намуди корҳои ҷорӣ (аз рӯи шаклҳои ҳисобот), оид ба доираи воҳидҳои ҳисобдеҳ, характери корҳо вобаста аз дараҷаи ихтисоси коркунон, ҳаҷм ва тақвими иҷрои корҳо; тақсимоти вазифаҳо ҳангоми ичрои корҳои яквақта; тартиби ҷалбкунӣ ва омӯзонидани кормандони муваққатӣ, ҳайати онҳо ошноӣ пайдо кунад;

Номгӯи корҳое, ки дар иҷрои онҳо донишҷӯ шахсан бояд иштирок намояд инҳоянд: такмилдиҳии методологияи корҳои иҷрошаванда дар қисми умумии нишондиҳандаҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Қонуни ҶТ «Дар бораи бонкҳо», дастурамалу низомномаҳои аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон таҳиягардида ва дигар идораҳои ваколатдор; ташкил ва банақшагирии корҳо; тартиби ҷамъоварӣ, тафтиш ва саҳеҳгардонии маводҳо барои ҳар як намуди

корҳо, пайдарпайии коркарди онҳо; назорат дар рафти таҳиякунӣ; ҳосил кардани ҷамъбасти хотимавӣ ва таҳлили назоратии он; тақсимоти меҳнат дар байни иҷрокунандагон; механизатсияи ҷараёни хизматрасонӣ ба муштариён;

### 7.2.2. Таҷрибаомӯзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ

Амалигардонии барномаи мазкур иҷрои масъалаҳои зеринро талаб менамояд:

1. Тавсифи мухтасари фаъолияти иҷтимоию иқтисодии бонк ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ; ташкили идоракунии он ва ҳамоҳангсозии фаъолияти шуъбаҳо;

Муайян кардани мақсади корҳои идоракунӣ ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба натиҷаи онҳо. Ташкили банақшагирии ҷорӣ ва стратегӣ дар ташкилоти қарзӣ. Мазмун ва тартиби таҳияи бизнес-нақша ва мониторинги иҷрои онҳо. Ҷамъоварӣ ва мураттабсозии иттилоот доир ба масъалаҳои тадқиқшаванда.

2. Системаи корҳои таҳлилӣ ва ояндабинӣ дар ташкилотҳои қарзӣ. Унсурҳои асосии он: системаи тартиб додани ҳисобот, системаҳои мониторинги омилҳои беруна, тадқиқотҳои маркетингӣ, дастгирии қарорҳои идоракунӣ.

Таъмини иттилоотии корҳои аналитикӣ. Омӯзиши маълумотҳое, ки ташкилотҳои қарзӣ истифода менамоянд. Манбаъҳои гирдоварии маълумотҳо ва тавсифи онҳо. Таъмини ташкилии корҳои таҳлилӣ. хизматрасониҳои иқтисодӣ ба муштариён ва маркетинги ташкилоти қарзӣ.

Идоракунии ташкилоти қарзӣ, ки аз танзими ҷараёнҳои иттилоотӣ ва ояндабинӣ вобастагӣ доранд.

Низоми ташкили корҳои таҳлилӣ доир ба нақшагирӣ ва ояндабинӣ. Низоми ташаккул ва истифодаи иттилоот дар вақти гузаронидани таҳлил (хизматрасонии ташкилотҳои қарзӣ), муҳлат ва шакли пешниҳоди корҳои иҷрошуда. Сохтори шуъбае, ки бо ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ, ҷамъбаст кардани натиҷаи корҳо машғул аст. Тақсимоти вазифаҳо ва якҷоя амалинамоии иттилооти байни шуъбаҳо.

Роҳбарӣ ва банақшагирии корҳои шуъбаҳо. Мушаххасгардонии нақшаҳо, аз ҷумла корҳои дастурдиҳию назоратӣ ва корҳои таҳлилӣ. Тартиби интиқоли маводҳои оморӣ ба мақомотҳои болоӣ, маъмурӣ ва ғайра.

Омӯзиши корҳои оморӣ дар бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, омӯхтани самтҳои гуногуни тадқиқотҳои омории фаъолияти бонки тиҷоратӣ ва инъикос кардани натиҷаҳои онҳо дар шаклҳои мушоҳидаҳо, ки омори Бонки миллии Тоҷикистон ва мақомотҳои давлатӣ тақозо менамоянд.

Самтҳои тадқиқоти омории фаъолияти бонкҳо ва ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ инҳоянд:

- омӯзиши омории ҳолати молиявии ташкилоти қарзӣ. Сохтори амволи он ва сарчашмаҳои ташкилии он. Омори ҳолати активҳои ҷорӣ. Омори воситаҳои асосӣ. Омори бозоргирии тавозун (баланс). Омори қарзҳои кредиторӣ ва дебиторӣ. Ҳисоби пардохтпазирӣ, таҳкими молиявӣ ва фаъолнокии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;

- дида баромадани натиҷаҳои молиявӣ. Самтҳои истифодабарии фоида.

- омор дар фаъолияти маркетингӣ. Омӯзиши омории иқтидори ташкилотҳои қарзии рақобаткунанда. Мақоми бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ да бозори бонкӣ.

- ташкили бонки маълумот бо ёрии системаи идоракунии базаи маълумот, ки имкон медиҳад динамикаи ҳаҷми хизматрасонии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ бо мақсади муқаррарсозии тамоюлҳои асосии зиёд кардани бозори бонкӣ, инчунин дурнамои онҳоро тавсиф намоянд. Таҳлили омории сабабҳои васеъшавии бозор ё гирифтани даромади кам аз хизматрасонӣ.

- омори сатҳи ташкилию техникӣ. Қиёскунии сатҳ ва динамикаи нишондиҳандаҳо ва ташкили хизматрасонӣ, боздеҳи фондҳо, даромаднокӣ ва ғайра.

- шаклҳои алоқа бо дигар ташкилотҳои қарзӣ ва бозори қарз. Мониторинги иҷрои шартномаҳо доир ба додугирифти қарзҳои дадашуда ва гирифташуда.

Самаранок истифодабарии сарчашмаҳо қарзӣ. Омӯзиши сандуқи қарзии бонк ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ. Сохтори хароҷотҳои бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ доир ба кам кардани сатҳи хароҷот;

-

### 7.2.4. Таҷрибаомӯзӣ дар ташкилотҳои бонкӣ

Дар рафти таҷрибомӯзӣ дар низоми бонкӣ (бонкҳои тиҷоратӣ, давлатӣ, Вазорати молияи ҶТ ва раёсатҳои молия) донишҷӯён бояд чунин корҳоро иҷро намоянд:

- омодасозии тавсифи самтҳои асосии фаъолияти бонкии бонк ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ (амалиёти бонкӣ, хизматрасонии бонкӣ ва аҳдномаҳои бонкӣ);

- шиносоӣ бо системаи ҳисобгирӣ ва таҳлил, таъмини иттилоотии фаъолият, ҳисоботҳои дохилӣ ва берунии бонкҳо ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ;

- таҳияи тавсифи омории сарчашмаи захираҳои бонкӣ, сиёсати депозитӣ; омӯзиши тартиби ҳисобгирӣ ва таҳлили амалиёти пассивӣ ва активии бонк, сандуқи қарзӣ ва сифати он;

- тасвири тарзҳои баҳои хатари бонкӣ;

- гузаронидани таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкӣ (даромаднокӣ, устуворӣ ва босуботӣ, пардохтпазирии бонк ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ).

**8. Барасмиятдарории маводҳои ҳисобот ва аттестатсия доир ба ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ**

Давраи хотимавии таҷрибаомӯзӣ омода сохтани ҳисобот ва ҳимояи он мебошад, ки мувофиқи дастури таҷрибаомӯзӣ ба расмият даровараа мешавад. Баъди ба охир расидани таҷрибаомӯзӣ, донишҷӯ уҳдадор аст, ки ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:

- ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ бо имзоҳои донишҷӯ ва роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз бонк ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ;
- рӯзнома бо имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз бонк ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ва тасдиқи он бо муҳр;
- тавсифномаи (характеристика) истеҳсолӣ бо нишондоди баҳои кори донишҷӯ бо имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз бонк ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ва тасдиқи он бо муҳр.

Ҳисоботро бо нишондоди санаи рӯз таҷрибаомӯз имзо менамояд ва дар сарвараqи он аз тарафи роҳбари бонк ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ мухр гузошта мешавад.

Сохтори ҳисобот бояд чунин бошад: варақаи титулӣ (сарварақ), мундариҷа, қисми асосии ҳисобот мувофиқи талабҳои барнома бо назардошти вазифаҳои фардӣ, хулоса, рӯйхати истифодаи сарчашмаҳо ва замимаҳо.

Дар ҳисобот бояд инҳо нишон дода шаванд:

- тавсифи фаъолияти бонк ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, ки базаи таҷрибаомӯзӣ мебошад;
- тавсифи умумии вазифаҳо, ки дар ҷои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ иҷро карда мешаванд;
- номгӯи маводҳои методии омӯхташуда;
- тавсифи сарчашмаҳои иттилоотии омории омӯхташуда;
- натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидашуда;
- хулоса ва тавсияҳо доир ба истифодаи маводҳои дастрасшуда дар кори курсӣ ва рисолаи дипломӣ.

Қисми асосии ҳисобот аз муқаддима, хулоса ва якчанд қисм иборат аст, ки ҳар яке аз ин қисмҳо аз саҳифаи нав шурӯъ мешаванд.

Дар муқаддима бояд доир ба нақши равнди фаъолияти бонкӣ дар иқтисодиёт, оид ба зарурати таҷрибаомӯзӣ барои мустаҳкам кардани донишҳои назариявӣ, баён кардани мақсад ва вазифаҳои он нишон дода шаванд.

Дар қисми асосӣ тавсифи мухтасари ташкилию иқтисодии ташкилоти таҷрибаомӯзӣ, тасвири сохтори он ва ташкили нишондиҳандаҳои асосии фаъолият, тавсифи корҳои таҳлилию ҷории шуъбаҳо (қисмҳо), маводҳои омӯхташуда, ҳисобкуниҳо, хулоса ва пешниҳодҳо доир ба такмил додани корҳои иқтисодӣ нишон дода мешаванд.

Дар хулоса хулосаҳои мувофиқи мақсад баровардашуда ва вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ пешниҳод мешаванд.

Ҳисобот доир ба вазифаҳои инфиродӣ бояд барои навиштани кори таҷрибаомӯзӣ ва кори дипломӣ маводҳоро дар бар гирад. Қисми мазкур иборат аст аз:

- тасвири умумии объекти тадқиқот (моҳияти иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои асосии фаъолият, тамоюл дар инкишоф ва ба ҳам алоқамандӣ ва ғайра);
- гузаронидани таҳлили комплексии фаъолияти объект;
- интихоби мақсадҳои асосӣ, ки имкони ба ҳолати кунунӣ ва ояндаи бонк ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ баҳо доданро медиҳанд.

Ҳисобот бояд ба таври аниқ, эътимоднок, мухтасар ва пайдарпайии мантиқӣ иҷро карда шавад. Дар рафти баён кардани маводҳо бояд схема, формула, график, ҷадвал ва ҳисобкуниҳо нишон дода шаванд. Ҳамаи маводҳои графикӣ ва дигар маводҳо (мисол, дастурамал, ҳуҷҷатҳо ва ғайра) дар охири ҳисобот замима карда мешаванд.

Баъд аз дида баромадани маводҳои пешниҳодшуда роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз бонк ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ба донишҷӯ тақризи мухтасар навишта, ҳисоботро имзо менамояд.

Баъди хотимаи таҷрибаомӯзӣ ҳисобот ба кафедра пешниҳод карда мешавад.

Ҳисобот дар назди ҳайати комиссияи ташкилшудаи кафедра ҳимоя карда мешавад.

**Замима**

# ФЕҲРЕСТИ ПАЙГОҲҲОИ (ОБЪЕКТ) ТАҶРИБАОМӮЗИИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

| № | НОМГӮЙИ ПАЙГОҲҲОЕ, КИ ДОНИШГОҲ ШАРТНОМАҲОИ ҲАМКОРИРО БА ИМЗО РАСОНИДААСТ | МӮҲЛАТИ ШАРТНОМАҲОИИ ҲАМКОРӢ | |
|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК «ТОҶИКТРАНСГАЗ» | 31.12.2021 | 31.12.2026 |
| 2 | БДА «АМОНАТБОНК» | 05.01.2021 | 31.12.2026 |
| 3 | ХАДАМОТИ ГУМРУКИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 26.12.2021 | 31.12.2026 |
| 4 | СУДИ ОЛИИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 02.01.2021 | 31.12.2026 |
| 5 | ҶДММ ТАКХ «МАТИН» | 15.09.2018 | 31.12.2022 |
| 6 | ҶДММ «НОҚИЛИ ТАЛКО» | 13.11.2017 | 31.12.2022 |
| 7 | ҶДММ «БИРЖАИ ФОНДИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ» | 12.03.2018 | 31.12.2022 |
| 8 | АГЕНТИИ АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 12.03.2019 | 31.12.2023 |
| 9 | ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» | 23.05.2018 | 31.12.2023 |
| 10 | ҶСП ТАҚХ «ХУМО» | 12.06.2018 | 31.12.2023 |
| 11 | ҶСК «ОРИЁНБОНК» | 02.04.2018 | 31.12.2023 |
| 12 | ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 29.03.2018 | 31.12.2023 |
| 13 | ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 31.10.2018 | 31.12.2023 |
| 14 | ҶДММ «ШМС КАБИР ТИҶОРАТ ГУРРУҲ» | 12.12.2018 | 31.12.2023 |
| 15 | ҶСК «ГУЛИСТОНИ ДУШАНБЕ» | 30.12.2019 | 31.12.2023 |
| 16 | ҶДММ ТҚХ «ОКСУС» | 13.02.2019 | 31.12.2023 |
| 17 | ҶСП «СПИТАМЕНБОНК» | 14.02.2019 | 31.12.2023 |
| 18 | ФИЛИАЛИ ҶСК «ОРИЁНБОНК» ДАР ШАҲРАКИ СОМОНИЁНИ НОҲИЯИ РӮДАКӢ | 01..01.2019 | 31.01.2023 |
| 19 | КОЛЛЕҶИ ТЕХНИКИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ М. ОСИМӢ | 02.02.2018 | 20.07.2023 |
| 20 | КОЛЛЕҶИ ОМОРИ ШАҲРИ ВАХДАТ | 22.05.2019 | 22.05.2024 |
| 21 | КВД «ШИРКАТИ АЛЮМИНИЙИ ТОҶИК» | 01.01.2019 | 31.12.2024 |
| 22 | АССОТСИЯТСИЯИ МЕНЕҶЕРОН | 05.06.2018 | 31.12.2024 |
| 23 | ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШОВАРЗИИ АМИКҶТ | 31.12.2019 | 31.12.2024 |
| 24 | «ФОНДИ ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ» | 12.11.2020 | 31.12.2025 |
| 25 | КУМИТАИ РУШДИ САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 09.02.2021 | 31.12.2025 |
| 26 | АГЕНТИИ СОДИРОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 04.02.2021 | 31.12.2025 |
| 27 | ҶСК «ТАВҲИДБОНК» | 11.02.2021 | 31.12.2025 |
| 28 | ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 01.10.2012 | 01.10.2042 |
| 29 | ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 30 | ҶСК «АЛИФ БОНК» | 15.02.2021 | 31.12.2025 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 31 | КВД БОНКИ САНОАТИВУ СОДИРОТИИ ТОҶИКИСТОН "САНОАТСОДИРОТБОНК" | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 32 | ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 33 | ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 34 | ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 35 | ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 36 | ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 37 | КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРИ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 38 | ХАДАМОТИ АЛОҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 39 | ХАДАМОТИ ЗИДДИИНҲИСОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 40 | АГЕНТИИ СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ВА НАФАҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 41 | АГЕНТИИ ЗАХИРАҲОИ МОДДИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 42 | АГЕНТИИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ, МЕТРОЛОГИЯ, СЕРТИФИКАТСИЯ ВА НОЗИРОТИ САВДОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 43 | АГЕНТИИ ХАРИДИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 44 | АГЕНТИИ ХОҶАГИИ ҶАНГАЛИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 45 | КУМИТАИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 46 | МАРКАЗИ ТАТҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 47 | АГЕНТИИ НАЗОРАТ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 48 | КУМИТАИ РУШДИ МАҲАЛИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 49 | АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 50 | АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 51 | АГЕНТИИ МАВОДИ НАШЪАОВАРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 52 | АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 53 | ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 54 | МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 55 | ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 06.02.2014 | БЕМӮҲЛАТ |
| 56 | ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ | 25.01.2016 | БЕМӮҲЛАТ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ТОҶИКИСТОН | | |
| 57 | ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 26.12.2012 | БЕМӮҲЛАТ |
| 58 | КВД «ТОҶИКСУҒУРТА» | 16.12.2010 | БЕМӮҲЛАТ |
| 59 | КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 30.10.2012 | БЕМӮҲЛАТ |
| 60 | ТАШКИЛОТИ ҲУҚУҚ ВА РУШДИ ҶОМЕЬАИ ДЕҲОТИ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 13.10.2018 | БЕМӮҲЛАТ |

Эзоҳ: донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон метавонанд дар асоси шартномаҳои ҳамкорӣ, ки байни вазоратҳо, корхонаву ташкилотҳо ва донишгоҳ баста шудааст, зерсохторҳо ва намояндагон онҳоро дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо ҳамчун пойгоҳи (объект) таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешадипломӣ интихоб намоянд. Дар ҳолати қабул нагардидани донишҷӯён аз тарафи намояндагони пойгоҳҳои (объект) таҷрибаомӯзӣ, бевосиба ба бахши таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти донишгоҳ мурочиат намоянд.

Сардори бахши таҷрибаомӯзӣ ва рушди
касбияти донишгоҳ — Шуҳрат Сулаймонзода
Тел: +992 940 63 63 63
+992 915 30 66 66 (Ватсап, ИМО, Вайбер, Телеграм)
Суроғи элетронӣ: Sulaymonzoda_sh@mail.ru

**Махшулов С.Ҷ., Хоҷаев Б.Б., Аъзамова Т.Т.**

# Д А С Т У Р И   М Е Т О Д Ӣ

доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломӣ (барои донишҷӯёни ихтисосҳои 1–25010402 – кори бонкӣ, 1–25010202 – иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ)